Ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА- 018-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

# ТАҚРИЗИ

**мукаррризи расмӣ ба диссертатсияи Болтуева Машхурахон Ёқубовна дар мавзуи «Ҳифзи барномаҳои компютерӣ дар ҳуқуқи граждани», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

## Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст

Мавзуи рисола, нақша, маводҳои илмию амалии дар рисола истифодашуда, натиҷаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои дар доираи таҳқиқот манзуршуда ба ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мувофиқат менамояд.

## Мубрам будани мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ

Дар шароити рушди технологияҳои рақамӣ, хусусан интернет масъалаи ҳифзи ҳуқуқи инсон хеле муҳим арзёбӣ мегардад. Зеро тавассути технологияҳои мазкур вактҳои охир ҳуқуқҳои гуногуни инсон вайрон шуда истодааст, ки он ҷомеаи ҷаҳониро нигарон кардааст. Дар робита ба ҳамин ҳолат якчанд паҳлӯҳои ҳифзи ҳуқуқи барномаҳои компютерӣ ҳамчун объекти ҳуқуқи гражданӣ ба вуҷуд меояд. Ба ақидаи муаллиф истифодаи васеи барномаҳои компютерӣ ва дигар маводҳои барномавӣ дар тамоми соҳаҳои фаъолияти одамон унсурҳои фарққунандаи марҳалаи нави рушди иҷтимоие маҳсуб меёбад, ки нишонаи асосии он бо нақши ҳалкунандаи дастовардҳои илмӣ–техникӣ

дар соҳаи технологияҳои ахборотӣ ва коммуникатсионӣ маънидод карда мешавад (дисс. С.3.).

Доир ба ҳамин масъала баъзе таҳқиқотҳо рӯйи кор омада бошанд ҳам, аммо маҳз масъалаҳое, ки муаллиф дар рисола баррасӣ кардааст, аз масъалаҳои дигар таҳқиқотҳо фарқ намуда, назари хоси эҷодиро ифода кардааст. Рисолаи мазкур ба бартараф намудани як қатор холигиҳо дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон равона гардидааст. Аз ҳамин лиҳоз рисола дар шароити ҳозира ҳамчун кори илмӣ-назариявӣ мубрам ба ҳисоб меравад. Аз ҳамин сабаб мубрамияти илмию амалии рисолаи Болтуева Машҳурахон Ёқубовна ягон шаку шубҳаеро ба вуҷуд намеорад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд**

Натиҷаҳои таҳқиқот дар доираи талабот ба диссертатсияҳо тибқи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30» июни соли 2021, №267 муайян карда шудаанд, таҳия гардидаанд. Рисола ҳамчун кори мустақили илмӣ-тахассусӣ ба шумор рафта, натиҷаи он барои рушди илм ва қонунгузории гражданию соҳибкорӣ заминаҳои зарурироро фароҳам меорад. Диссертатсия яке аз аввалин таҳқиқотҳои диссертатсионии ба масъалаи барномаҳои компютерӣ ҳамчун объекти ҳуқуқи гражданӣ бахшидашуда ба шумор меравад. Дар кори илмии мазкур 12 масъалаҳои танзими ҳуқуқии барномаи компютерӣ ба таври комплексӣ дида баромада шудааст. Аз ин рӯ навгонии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки: муаммоҳои мавҷудаи танзими ҳуқуқии ҳифзи барномаҳои компютерӣ ва истифодаи чунин барномаҳо ошкору муназзам карда шуда (дар соҳаи қонунгузорӣ ва амалия) роҳҳои ислоҳи онҳо пешниҳод гардиданд; шаклу тарзҳои хоссаи ҳифзи ҳуқуқи барномаҳои компютерӣ ошкор карда шуданд, бартариву махсусиятҳои татбиқи шаклу тарзҳои мушаххаси ҳифзи барномаҳои компютерӣ дар соҳаҳои ҷудогонаи хоҷагӣ ошкор ва асоснок

карда шуданд; татбиқи муносибати бисёртарафа ба барномаҳои компютерии дорои объектҳои серҷабҳа, таҳлил ва асоснок карда шудаанд; навтарин тағйироту иловаҳои қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи барномаҳои компютерӣ мавриди таҳлил қарор дода шуда, муаммоҳои ҳуқуқию мураккабиҳои эҳтимолии татбиқи амалии навгониҳо ошкор карда шудаанд; бо мақсади такмили танзими ҳуқуқии ҳифзи барномаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рушди минбаъдаи қонунгузорӣ тавсияҳову пешниҳодҳо манзур шудаанд;

Муаллиф проблемаҳои хоси соҳаро баррасӣ кардааст. Таҳлилҳо, хулосаҳо, тавсияҳо ва баҳсҳои илмии муаллиф аз мавқеи мустақили ӯ дарак медиҳад. Ном, нақша ва навишти рисола ягонагии дохилӣ дорад ва пайдарҳаму мантиқона ифода шудааст.

Ба ҳимоя муқаррароти илмии зерин пешниҳод мегарданд, ки онҳо навгониҳои таҳқиқоти рисоларо ифода месозанд:

Навгонии муносибати илмӣ барои далелноксозиву возеҳ намудани нуктаҳои зерин мусоидат кард, ки ба ҳимоя бароварда мешаванд:

2. Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон номуайянии мафҳумҳои умумӣ–ҳуқуқӣ дар соҳаи барномаҳои компютерӣ, инчунин номгӯи услубҳои истифодабарии объектҳои ҳуқуқи муаллифӣ мушоҳида мешаванд. Асоснок гардидааст, ки сарфи назар кардани куҳнашавии захираҳои истилоҳот ва истифодаи қолабҳои ҳуқуқӣ дар қонунгузорӣ, ба пайдоиши муаммоҳои ҳуқуқие оварда мерасонад, ки манфиати ҳамаи иштирокдоронро халалдор карда, ба рушди босифати техникию иқтисодии соҳа монеа мегардад.

5. Ба муносибати рушди дастгоҳи истилоҳот, пешниҳод менамоем, ки бар ивази истилоҳи куҳнашудаи «барномаи МЭҲ», ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сабт гардидааст, истилоҳи «барномаи компютерӣ» қабул карда шавад, ки дар амалияи байналмилалӣ маъмул

буда, хусусияти умумиистеъмолӣ дошта, табиати объектро бештару беҳтар ифода менамояд.

6. Барномаи компютерӣ ҳамчун объекти ҳуқуқи муаллифӣ дар худ нишонаҳои барояш номуқаррарӣ, ҷузъҳои аз тарафи ҳуқуқи муаллифӣ ҳифзнашавандае ба мисли назарияи илмӣ, консепсия, осори илмиро фаро мегирад. Барои барномаи компютерӣ тафриқаи консептуалӣ бо осори бадей хос аст. Қонунгузории аксар давлатхо барномаҳои компютериро шомили объекти ҳуқуқи муаллифӣ медонанд. Аммо бо осори бадеӣ баробар донистани он на чандон асоснок аст. Дар барномаи компютерӣ барои муайян намудани таносуби он бо алгоритм, бояд алгоритмро дар шакли объективӣ барои коркарди мухобирот баррасӣ кард, ки бо дастгоҳ иҷро карда мешавад.

7. Дар назарияи хуқуқи граждании ақидае мавҷуд аст, ки барномаи дар ҳамлак (носитель) сабтшуда як навъ вижагии муфиде дорад ва дар навбати худ ин ё он манфиатро таъмин менамояд, ки ҳосилаи компютер аст. Дар асоси он хулоса карда мешавад, ки ҳамлакро ба намуди блоки дастгоҳи патентпазире қабул бояд кард, ки ба туфайли хусусиятҳои муфидаш компютерро барои ба даст овардани натиҷаи муайяне идора мекунад. Чунин нуктаи назар баҳснок ҳам хаст, зеро он далелеро сарфи назар менамояд, ки кори компютер ба тавре бо барномаи мушаххас вобаста аст, ҳамлак бошад, танҳо вазифаи миёнаравро иҷро намуда, навъи он аҳаммияти ҷиддие надорад. Ба ғайр аз ин баъди оғози истифодаи кори барномаи компютерӣ дар хотираи компютери барномаи ҳамлакдошта аз он ҳамлакро безарар ҷудо кардан мумкин аст, ки ин бори дигар аз унсури ёрирасони барнома буданаш дарак медиҳад.

Нуктаҳои илмии манзуршаванда ба назари мо ҷолиби диққат буда, заминаи муҳими илмиро барои такмили қонунгузорӣ фароҳам меоварад. Ҳамзамон муқарраротӣ илмии №1 ва №3 баҳснок мебошанд, ки мо дар бораи онҳо дар охири тақриз андешаҳоро мухтасар баён хоҳем кард.

**Асоснокӣ ва муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд**

Муқаррароти илмии диссертатсия ва натиҷаҳои илмӣ, ки дар бобҳо ва зербобҳо, инчунин хулосаи кор ифодаи худро ёфтаанд, аз саҳми шахсии муаллиф дарак медиҳанд. Ҳамзамон муаллиф ақидаҳои худро тавассути мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ ба омма пешкаш намудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз он ҷумла нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешкаш шудаанд, заминаи кофӣ ва боэътимоди назариявӣ ва методологӣ доранд. Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсияро корҳои илмии олимони ватаниву хориҷӣ, ки ба масъалаи мазкур бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд. Заминаҳои амалии таҳқиқотро таҷрибаи ватанӣ ва мақомоти давлатии ваколатдор ташкил додааст. Асосҳои методологии таҳқиқоти диссертатсиониро усулҳои умуминазариявӣ ва махсуси ҳуқуқӣ ташкил додаанд.

Муаллиф хулосаю пешниҳод ва тавсияҳои худро бо сарчашмаҳои дақиқи илмӣ бо истинод овардан ба маводи илмӣ ва қонунгузорию корҳои амалӣ асоснок намудааст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

Масъалаҳое, ки дар диссертатсия мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд, дар дигар корҳои илмӣ, ки ба масъалаҳои моликияти зеҳнӣ бахшида шудаанд, метавонанд мавриди корбурд қарор гиранд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти илмиро дар такмили қонунгузории граждании ва соҳибкорӣ истифода бурдан мумкин аст. Хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф дорои аҳаммияти илмӣ-амалӣ буда, метавонанд дар ҷараёни таълими фанҳои ҳуқуқи маданӣ, курсҳои тахассусмандӣ ба донишҷӯёни факултетҳои ҳуқуқшиносии макотиби олии кишвар истифода бурда шаванд.

Аҳаммияти иқтисодӣ ва иҷтимоии рисола дар он мебошад, ки он ба беҳтар намудани вазъи ҳуқуқии молумулкии соҳибони объектҳои ҳуқуқи маданӣ равона шуда, мавқеи муаллифро дар ҷомеа аз лиҳози иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мустаҳкам менамояд.

**Чоп намудани таълифоти натиҷаҳои диссертатсия дар матбуоти илмӣ**

Рисоланавис вобаста ба кори илмӣ 14 мақолаи илмӣ нашр намудааст, 5 –тои он дар маҷаллаҳои пешбари тақризшаванда ва тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои интишори натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсия интишор шудаанд. Хулоса, натиҷа ва нуктаҳои асосии диссертатсия дар маводи нашргашта инъикос ёфтаанд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конфронсҳои илмӣ-амалии зерин дар шакли маърузаи илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд:

– Конференсияи анъанавии устодон ва донишҷӯёни ДДҲБСТ дар мавзуи «Нақши илм дар ташаккули давлати миллӣ» – маъруза дар мавзуи: «Оид ба масъалаи институтҳои алоҳидаи моликияти зеҳнӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Хуҷанд, 2015;

– Конференсияи анъанавии устодон ва донишҷӯёни ДДҲБСТ дар мавзуи «Туризм ва ҳунарҳои мардумӣ ҳамчун муаррифкунандаи маданияти миллӣ» – маъруза дар мавзуи: «Оид ба ташаккули ҳифзи ҳуқуқӣ-муаллифии барномаҳои компютерӣ». Хуҷанд, 2018;

– Конференсияи байналмилалии «Муаммоҳои актуалии илми ҳуқуқшиносӣ ва роҳҳои ҳалли он: назария ва амалия» – маъруза дар мавзуи: «Масъалаҳои ташаккули мафҳуми барномаҳои компютерӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Хуҷанд, 2019;

– Конференсияи анъанавии устодон ва донишҷӯёни ДДҲБСТ, бахшида ба соли 2019–2021; – Солҳои рушди туризм ва ҳунарҳои мардумӣ – маъруза дар мавзуи: «Оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои муаллифии барномаҳои компютерӣ». – Хуҷанд, 2019, ва ғайра.

**Ба талаботи КОА мутобиқ будани барасмиятдарории диссертатсия**

Диссертатсияи баррасишаванда вобаста ба ном ва накшаю сохтор, муҳтаво, хулоса ва рӯйхати сарчашмаҳо ба талаботҳои мавҷуда ҷавобгӯ мебошад. Он аз 3 боб, 6 зербоб, хулоса ва номгӯи адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд. Ҳаҷми умумии диссертатсия 188 саҳифаро ташкил медиҳад.

Дар **муқаддима** мубрамияти мавзуи диссертатсия, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, объект ва предмети таҳқиқоти илмӣ, мақсад ва вазифаҳо, асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсия асоснок ва баррасӣ гардидааст.

**Боби якум** – "Барномаҳои компютерӣ ҳамчун объекти танзими граждани-ҳуқуқӣ" масъалаҳои зеринро фаро мегирад: моҳият ва мазмуни ҳуқуқии барномаи компютерӣ; масъалаҳои методологии барномаи компютерӣ ҳамчун объекти моликияти зеҳнӣ; барномаи компютерӣ ҳамчун объекти ҳифзи ҳуқуқи гражданӣ.

Дар боби мазкур муаллиф мафҳумҳои марбут ба моликияти зеҳниро баррасӣ карда, барномаи компютериро яке аз объектҳои ҳуқуқи муаллифӣ дар доираи назарияи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ баррасӣ кардааст. Сарчашмаҳои зиёди илмӣ ва қонунгузориро дар ин боб таҳлил намуда, хусусиятҳои хоси барномаи компютериро ҳамчун объекти ҳуқуқи гражданӣ кушодааст.

**Боби дуюм** –"Ҳифзи ҳуқуқии барномаҳои компютерӣ" масъалаҳои зерин мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст: мафҳуми низоми воситаҳои ҳифзи гражданӣ–ҳуқуқии барномаи компютерӣ; ҳифзи ҳуқуқӣ–патентии барномаи компютерӣ; ҳифзи ҳуқуқӣ– муаллифии барномаи компютерӣ.

Дар боби мазкур тарзҳои умумӣ ва махсуси гражданию ҳуқуқии ҳифзи барномаҳои компютериро муаллиф таҳлил кардааст. Ин тарзҳои ҳифзи ҳуқуқ асосан аз ду ҷанба иборатанд- ҳуқуқӣ ва техникӣ. Аммо

онҳо аз якдигар вобаста мебошанд. Муаллиф ҳар ду паҳлӯи масъаларо хуб баррасӣ кардааст.

1. Муаллиф дар навгонии №1 чунин менависад: “Муносибатҳои ҳуқуқӣ ба ҳайси шарти ҳаракати усули мушаххасгардонӣ ва воситаи алоқамандсозии робитаҳои ҷамъиятӣ баромад мекунанд, ки онҳо дар навбати худ муносибатҳои ҷамъиятии дорои як қатор хусусиятҳо, маҷмӯи нишонаю аломатҳои махсусе мебошанд, ки ба туфайлашон он вазифаҳои мазкурро ба иҷро мерасонанд. Чунин вижагиҳои махсус ё аломатҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ аз инҳо иборат аст: - ҳама гуна муносибатҳои ҳуқуқӣ доимо ҳамчун робитаи байни ашхоси мушаххас вуҷуд дорад; - ҳама гуна муносибатҳои ҳуқуқӣ рафтори мутақобилаи иштирокдоронро аз ҷиҳати ҳуқуқӣ мустаҳкам менамояд; - ҳама гуна муносибатҳои ҳуқуқӣ бо меъёрҳои ҳуқуқии давлатӣ танзим карда мешавад. Ҳама гуна муносибатҳои ҷамъиятӣ бо водоркунии қувваҳои давлатӣ амалӣ мегардад”.

   Ин пешниҳод хусусияти умумӣ дорад. Муаллифро зарур аст, ки ҳангоми ҳимоя мавқеи худро доир ба навгонии васеътар фаҳмонад.

2. Муаллиф дар навгонии №3 қайд кардааст, “барномаҳои компютерӣ ҳамчун объекти ҳуқуқҳои гражданӣ (объекти ҳуқуқи муаллифӣ) дар як вақт чун моли озод дар муомилоти гражданӣ қарор гирифта баҳо дода мешаванд, ба ҷуз аз истисно, барномаҳои компютерӣ моли хусусияти хоса дошта ва унсури ҳатмии барои фаъолиятбарии компютер зарур буда, баромад менамояд”.

   Муаллиф дар ин навгонӣ “барномаҳои компютерӣ моли хусусияти хоса дошта ва унсури ҳатмии барои фаъолиятбарии компютер зарур буда” – ро аз кулли барномаҳои копютерӣ ҷудо мекунад. Ин масъала баҳснок аст, зеро компютер аз қисмати ашёӣ ва барномавӣ иборат

аст. Тамоми барномаҳои марбут ба компютер обекти ҳуқуқи маданӣ ва имкони муолмилотпазирӣ доранд.

3. Дар рисола муаллиф ба истилоҳотҳои ҳуқуқӣ баъзан аҳаммият надодааст. Масалан, муаллиф менависад: “дастгоҳи истилоҳот” (с.14), услубҳои истифодабарии объектҳои ҳуқуқуи муаллифӣ (с.13), қолабҳои ҳуқуқӣ (с. 13), “ҳамлак” (с.15) ва ғайра.

Ҳамзамон муаллиф дар робита ба рисола **автореферартро** тибқи талаботи муқаррараргардида таҳия кардааст, ки онҳо байни ҳам мутобиқати дохилию мантиқӣ доранд.

**Эродҳо ба диссертатсия**

Дар баробари муваффақиятҳо дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок ва ҳалталаб ҷой доранд, аз ҷумла:

Эродҳое, ки дар боло зикр шудаанд аз лиҳози илмӣ мубоҳисавӣ буда, ба комил будани рисола таъсири манфӣ намерасонанд. Онҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки масъалаҳои баррасикардаи муаллиф мароқангез буда, метавонанд диққати муҳаққиқонро ба худ ҷалб намояд.

**Қисмати хотимавии тақриз – хулоса**

Рисолаи баррасигардида аз лиҳози мубрамият, ном ва нақшаи мавзӯъ, муқаддима, бобҳо ва зербобҳо, хулосаю сарчашмаҳо пайдарҳам бо услуби илмӣ таҳия гардидааст. Дар он ақидаҳои гуногуни илмӣ, қонунгузорӣ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиқнамоӣ таҳлил гардида, хулосаҳои муҳим ва тавсияҳои муфид ҷиҳати такмили қонунгузорӣ манзур шудааст.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Болтуева Машҳурахон Ёқубовна дар мавзуи «Ҳифзи барномаҳои компютерӣ дар ҳуқуқи граждaнӣ», ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 қабул гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи

гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Тақриз дар асоси муқаррароти мавҷуда, хусусан бандҳои 72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 қабул шудааст, таҳия ва манзур гардидааст.

**И.в.профессори кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ У. А. Меликов**

31.08.2023

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон,**
**734055, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳоти ½**
**Тел.: 917448535**

**«Имзои У. А. Меликовро тасдиқ мекунам»**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии тиҷоратӣ Тоҷикистон С.С. Пирзода**